*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон (734000, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Навруз Носири дар мавзӯи "Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо)**

Дар шароити соҳибистиқлолии кишварамон иқтисодиёти КАС-ҷумҳурӣ ва доираи марказии он- соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат нақши бориз доранд. Зеро маҳз соҳаи кишоварзӣ ва КАС-и рушдкарда метавонанд кафолати таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ, солимии насли имрӯзу фардо ва мустаҳкамгардии пояҳои соҳибистиқлолии вокеии ватанамон бошанд. Аз ин рӯ, рушди босуботи кишоварзӣ ва КАС-и ҷумҳурӣ дар шароитҳои нави иқтисодӣ аз бисёр ҷиҳат ба истифодаи самараноки кулли омилҳои истеҳсолот вобастагии калон дорад. Муккамалгардонии базаи моддӣ-техникии корхонаҳои кишоварзӣ, беҳтаргардонии фаъолияти инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, ҷори намудани инноватсияҳо ва комёбиҳои илмӣ-техникӣ дар соҳа аз ҷумлаи омилҳои аввалиндараҷа барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва КАС-и ҷумҳурӣ ба шумор мераванд.

Олимони хориҷию ватанӣ дар ташаккул ва рушди инноватсия, идоракунии ҷараёнҳо ва нерӯи инноватсионӣ таҳқиқотҳои илмиву амалӣ анҷом дода, асарҳо эҷод намуданд. Аммо қобили қайд аст, ки аксари таҳқиқотҳои олимони ватанӣ дар маҷмӯъ ба иқтисодиёт ва соҳаи саноати кишвар равона гардидаанд, яъне таҳқиқотҳое, ки бевосита ба ҷорисозӣ, паҳншавӣ, самаранокӣ ва идоракунии инноватсияҳои кишоварзӣ бахшида шуда бошанд, дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ хеле кам вомехӯранд. Махсусан таҳқиқи масоили ташаккулу равнақи низоми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи корхонаву ташкилотҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ бо назардошти хусусиятҳо, омилҳо ва қонуниятҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар шакли монографияҳои илмӣ кам ба назар намерасад. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобнамудаи Навруз Носириро ҳамчун мавзӯи муҳими таҳқиқотии дорои аҳамияти назариявию амалӣ дошта барои кишоварзию КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшаванда қобили қабул мешуморам.

Аз маводи автореферати Навруз Носири маълум мегардад, ки муаллифи диссеротатсия маводи зиёди илмию амалӣ ва меъёрию ҳуқуқиро доир ба мавзӯи таҳқиқотӣ ҷамъоварӣ намуда, мавриди таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирию хулосабарорӣ қарор додааст. Аз таҳлили матни

автореферат бармеояд, ки муаллиф зимни таҳқиқот пайдарпайи мантиқӣ дар масъалагузориҳо, таҳлилҳо, ҷавобҳо, хулосабарориҳо риоя шудаанд.

Таҳқиқу таҳлили автореферат нишон дод, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, номгӯи адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 182 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст, ки шомили 20 ҷадвал ва 6 расм мебошад. Дар боби якум - «Асосҳои назариявии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ» зарурати гузариш ба рушди инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти инноватсия ва унсурҳои таркибии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС, низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва хусусиятҳои он ифода ёфтааст. Дар боби дуюм - «Таҳлили асосҳои институтсионалӣ ва раванди ташаккули низоми идоракунии инноватсияҳо дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он» арзёбии асосҳои институтсионалии ташаккули низоми идоракунии инноватсияҳо дар КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, таҳлил ва тамоюлҳои ташаккули идоракунии инноватсияҳо дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон инъикос ёфтаанд. Дар боби сеюм «Такмили механизми идоракунии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ» дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракуниии корхонаву ташкилотҳои КАС-и ҷумҳурӣ, идоракунии таъмини сармоягузории рушди инноватсионии корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва таҷрибаи хориҷии танзими давлатии рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст гардидаанд.

Ба фикри мо, аз автореферат бармеояд, ки таҳлилу таҳқиқи мавзӯъ, баррасии мушкилоти ҷойдошта, исботи воқеияти навгониҳо ва пешниҳоду таклифотҳои оид ба рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон) дар кори мазкур аз ҷониби муаллифи он сатҳи ҷавобгӯи талабот арзёбӣ гардиданд. Аммо мутолиаи автореферат нишон медиҳад, ки бо вуҷуди муваффақиятҳои номбурда дар рисолаи илмии пешниҳодшуда баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо дар оянда низ ба манфиати кори таҳқиқотии диссертант мебошад:

-хуб мешуд, ки сохтор ва таркиби низоми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи соҳаи кишоварзии минтақаи таҳқиқшуда дар шакли нақшавӣ пешниҳод мегардид.

-дар матни баъзе саҳифаҳои автореферат хатогиҳои услубӣ ба назар мерасанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои номбурда хусусияти тавсиягӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти муаллифро коҳиш намедиҳанд.

Ҳамин тавр, дар асоси баррасии автореферат метавон хулосабарорӣ намуд, ки диссертатсияи Навруз Носири дар мавзӯи "Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз

рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


**д.и.и.,профессори кафедраи назарияи иқтисодии**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав Садриддинов Н.Т.**

**735140, ш. Бохтар, кӯчаиАйнӣ, 67,**
**Тел. (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53.**
**www.ktsu.edu.ru,почтаи электронӣ: ktsu78.@mail. ru**


**Имзои д.и.и.,профессор Садриддинов Н.Т.-ро тасдиқ мекунам**

**Сардори шӯъбаи кадрҳо Амиршоев А.**